**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор.**

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, яке аз самти асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат буда, ҳалли ин масъала бештар аз самт ва суръати дигаргуншавии сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъият вобаста аст. Солҳои охир масъалаи боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, на танҳо объекти омӯзишу таҳқиқи коршиносони иқтисодӣ қарор гирифтааст, балки давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ низ ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Бинобар ин, муҳим, бамаврид ва рӯзмарра будани масъалаи зикргардида бори дигар шаҳодати он аст, ки аксарияти аҳолии кишвар дар деҳот истиқомат менамояд ва сатҳи зиндагии онҳоро пурра таҳқиқ намудан, аз манфиат холӣ нест. Ҳамчунин, доираи омӯзиши омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ниҳоят васеъ, гуногунпаҳлу ва мураккаб буда, бо фарогирии як нишондиҳанда ё ҳалли як масъала, ғайриимкон аст.

Муҳимияти дигари ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардида метавон гуфт, ки ба ободии маҳалҳо, хусусан деҳоти дурдаст диққати зарурӣ дода мешавад ва ин иқдом боис мегардад, ки дар зарфи се соли оянда бо ободу зебо шудани маҳаллу деҳоти кишвар ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад.

Ба ақидаи муаллиф, бо назардошти ғояи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва консепсияҳои мавҷуда аз назари омор сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ин маҷмӯи категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботҳои моддию маънавӣ ва иҷтимоии шахсонеро, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, дар бар гирифтааст.

Омӯзиши сатҳ ва сохтори талаботҳо бо неъматҳои моддӣ ва хизматҳо яке аз тавсифоти муҳими сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад, ки дар кори илмии иҷрогардада хуб таҷассум гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

Аммо камбудиҳои пешниҳодгардида ба аҳамияти илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад, зеро онҳо хусусияти пешниҳодӣ ва машваратӣ доранд.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки автореферати диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200–Омор пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи фаъолияти бонкӣ**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Ҳамдамзода Х.А,**

**Имзои Ҳамдамзода Х.А-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо** **Амиршоев А.А.**

**Суроға Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав:**
**735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Телефон: +(992)3222-2-54-81**
**Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru**